# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ.**

Дар шароити муосири рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, мураккаб гардидани шаклҳои содиршавии ҷиноятҳо ва истифодаи технологияҳои нав аз ҷониби ҷинояткорон, масъалаи таҳия ва истифодаи самараноки усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо аҳаммияти махсус касб менамояд.

Мубрамияти мавзӯи таҳқиқотии «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия» аз он бармеояд, ки дар шароити муосир мубориза бо ҷинояткорӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии давлат маҳсуб меёбад. Самаранокии ошкор, тафтиш ва пешгирии ҷиноятҳо аз сатҳи истифодаи дурусти усулҳои тактикӣ дар фаъолияти мақомоти тафтишотӣ вобастагии зич дорад.

Бо рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва пайдо шудани шаклҳои нави ҷинояткорӣ, аз ҷумла ҷиноятҳои муташаккилона, иқтисодӣ ва бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ содиршаванда, талабот ба такмили асосҳои назариявӣ ва амалии тактикаи тафтишотӣ бештар мегардад. Дар ин замина, омӯзиши мушкилоти мавҷудаи татбиқи усулҳои тактикӣ, муайян намудани камбудиҳои назариявӣ ва таҳияи роҳҳои такмили онҳо аҳаммияти махсуси илмӣ ва амалӣ касб менамояд.

Илова бар ин, таҳлили таҷрибаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нишон медиҳад, ки дар раванди тафтиши ҷиноятҳо ҳанӯз ҳам масъалаҳои марбут ба интихоб ва истифодаи самараноки усулҳои тактикӣ, риояи талаботи қонунгузорӣ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҷой доранд. Ҳалли ин масъалаҳо

метавонад ба баланд бардоштани сифати тафтишот, таъмини қонуният ва қабули қарорҳои асоснок мусоидат намояд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо аҳаммияти муҳими илмӣ ва амалӣ дошта, мубрамияти интихоби мавзӯи мазкурро асоснок менамояд. Диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии ман омода карда шудааст.

Мавзӯи мазкур аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ мубрам буда, ба такмили асосҳои назариявӣ ва методологии истифодаи усулҳои тактикӣ дар фаъолияти мақомоти тафтишотӣ равона гардидааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Сулаймонзода Рустами Неъматуло унвонҷӯи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор мерафт ва ҳамзамон, дар вазифаи муаллими калони кафедраи мурофиаи ҷиноятии факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон кору фаъолият менамуд.

Сулаймонзода Р.Н. бо фармоиши сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми апрели соли 2025, № 312 ба ҳайси унвонҷуи шуъбаи адъюнктураи Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда, таҳсил менамуд.

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаи васеи Шурои олимони Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24-уми феврали соли 2025, №7 мушаххас ва тасдиқ карда шудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия» ба шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, мутобиқат мекунад.

Навгонии таҳқиқоти диссертатсионии Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар 4 номгӯйи нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда коркард гардидаанд.

Дар ҷараёни омода намудани таҳқиқоти диссертатсионӣ Сулаймонзода Рустами Неъматуло худро аз ҷиҳати мусбат нишон дода, тамоми дастуру супоришҳо ва таклифҳоро оид ба мукаммал сохтани матни диссертатсия пурра иҷро менамуд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо), феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад. Ҳаҷми диссертатсияро 177 саҳифа ташкил медиҳад.

Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуъро бо дарназардошти қабул ва амалкарди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ, суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ақидаҳои назариявии олимону мутахассисони миллӣ ва хориҷӣ асоснок намуда, мақсад, вазифа, объект, предмет, марҳила, макон ва давраи таҳқиқотро нишон додааст. Ҳамчунин, асосҳои назариявӣ, методологӣ, эмпирикӣ, навгонии илмии таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, муқаддимаи таҳқиқоти диссертатсиониро тавсиф намудаанд.

Дар боби якуми рисолаи диссертатсионӣ таҳти унвони «Асосҳои назариявии истифодаи усулҳои тактикӣ дар тафтиши ҷиноятҳо» масъалаҳои муҳимми назариявӣ баррасӣ гардидаанд. Аз ҷумла, дар

зербоби 1.1. хусусиятҳои назариявӣ ва криминалистии усули тактикӣ, мафҳум, моҳият ва ҷойгоҳи он дар низоми тактикаи криминалистӣ таҳлил шудаанд. Муаллиф бо такя ба адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ таърифҳои мавҷударо таҳлил намуда, мавқеи илмии худро нисбат ба мафҳуми усули тактикӣ пешниҳод кардааст.

Дар зербоби 1.2. бошад, асосҳои назариявии таснифи усулҳои тактикӣ таҳқиқ гардида, меъёрҳои гуногуни гурӯҳбандии онҳо муайян шудаанд. Дар ин қисмат муаллиф кӯшиш намудааст, ки таснифи нисбатан мукаммал ва ҷавобгӯ ба талаботи амалияи муосири тафтишотиро пешниҳод намояд.

Боби дуюми рисолаи диссертатсионӣ, ки ба «Асосҳои методологӣ ва ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ» бахшида шудааст, аз нуқтаи назари илмӣ аҳаммияти махсус дорад. Дар зербоби 2.1. асосҳои методологии истифодаи усулҳои тактикӣ дар ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо таҳлил гардида, муносибати муаллиф ба масъалаҳои интихоби усули тактикӣ вобаста ба вазъияти тафтишотӣ асоснок карда шудааст. Зербоби 2.2. бошад, масъалаи ченакҳои қобили қабул будани истифодаи усулҳои тактикӣ номгузорӣ шудааст, ки мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки истифодаи ҳар як усули тактикӣ бояд ба талаботи қонунӣ, ахлоқӣ, илмӣ ва самаранокӣ ҷавобгӯ бошад. Дар ин замина меъёрҳои муайянкунандаи ҳудуди истифодаи усулҳои тактикӣ таҳия ва асоснок карда шудаанд.

Боби сеюми рисолаи диссертатсионӣ таҳти унвони «Усулҳои тактикӣ ва тактикӣ-техникии криминалистӣ ва амалишавии қарорҳои муфаттиш дар тафтиши ҷиноятҳо» ҷанбаҳои амалии мавзуъро фаро мегирад. Дар зербоби 3.1. таносуби усулҳои тактикӣ ва тактикӣ-техникӣ ҳамчун категорияҳои асосии тактикаи криминалистӣ таҳлил гардидааст. Муаллиф тавонистааст хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи ин мафҳумҳоро муайян намуда, ҷойгоҳи онҳоро дар сохтори тактикаи криминалистӣ нишон диҳад.

Дар зербоби 3.2. масъалаи қарорҳои муфаттиш ва усулҳои татбиқи онҳо дар раванди тафтиши ҷиноятҳо мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Хулосаҳои пешниҳодшуда ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти тафтишотӣ мусоидат намуда, метавонанд дар амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ истифода шаванд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки диссертант Сулаймонзода Рустами Неъматуло масъалаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи усулҳои тактикиро дар шароити муосир ба таври комплексӣ таҳлил намуда, як қатор пешниҳодҳои нави илмиро оид ба такмили мафҳум, тасниф, асосҳои методологӣ ва ченакҳои истифодаи усулҳои тактикӣ ироа кардааст.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар рушди минбаъдаи назарияи тактикаи криминалистӣ ва аниқ намудани мазмуни як қатор категорияҳои илмии он ифода меёбад. Аҳаммияти амалии рисола бошад, дар имконияти истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми такмили фаъолияти тафтишотӣ, таҳияи тавсияҳои методӣ, таълими фанҳои криминалистика ва мурофиаи ҷиноятӣ зоҳир мегардад.

Диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло дар мавзӯи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия» ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои мубрами илми криминалистика – такмили асосҳои назариявӣ ва амалии истифодаи усулҳои тактикӣ дар фаъолияти тафтишотӣ бахшида шудааст.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф масъалаҳои муҳими назариявӣ ва амалии вобаста ба мафҳум, моҳият, тасниф, асосҳои методологӣ ва ҳудуди истифодаи усулҳои тактикиро мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода, хусусиятҳои хоси татбиқи онҳоро дар раванди тафтиши ҷиноятҳо муайян намудааст. Диссертант бо истифода аз усулҳои илмии таҳқиқот, таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои илман асоснок манзур кардааст.

Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот дорои навгонии илмӣ буда, барои рушди минбаъдаи назарияи тактикаи криминалистӣ, такмили фаъолияти тафтишотӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи воситаҳои тактикӣ аҳаммияти муҳим доранд. Пешниҳодҳои муаллиф метавонанд дар фаъолияти амалии мақомоти тафтишотӣ, раванди таҳияи тавсияҳои методӣ ва таълими фанҳои криминалистика ва мурофиаи ҷиноятӣ истифода шаванд.

Диссертатсия аз ҷиҳати сохтор, мазмун ва сатҳи таҳлил ба талаботи корҳои илмии тахассусӣ ҷавобгӯ буда, дорои мантиқи илмӣ, пайдарҳамии таҳлил ва мустақилияти таҳқиқотӣ мебошад. Муаллиф қобилияти таҳқиқоти мустақили илмӣ, таҳлили масъалаҳои мураккаби ҳуқуқӣ ва пешниҳод намудани хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалиро нишон додааст.

Бо дарназардошти аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати мавзӯи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, инчунин иҷро гардидани талаботи муқarrarгардида оид ба корҳои диссертатсионӣ, чунин мешуморам, ки диссертатсияи Сулаймонзода Рустами Неъматуло кори мустақили анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи муқarrarнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Сулаймонзода Р.Н. дар мавзуи «Усулҳои тактикӣ дар раванди тафтиши ҷиноятҳо: проблемаҳои назария ва амалия» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби ба расмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, №493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12.

Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
Профессори кафедраи криминалистика
ва фаъолияти судӣ-экспертии факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ямакова З.Д.

Имзои Ямакова З.Д.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Шодихонзода Э.Ш.
«30» 05 соли 2026